# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ) мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек, яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки дар асоси сарчашмаҳои психологӣ-педагогӣ, дурнамои ташаккули шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо ошкор ва таҳлилу баррасӣ карда шудаанд. Ин роҳҳои ҳамкорӣ на танҳо раванди таълимро ғанӣ мегардонанд, балки ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои ҳалли мушкилоти мубрами масъалаи мавриди таҳқиқ мусоидат мекунанд.

Аз ин нуктаи назар, довталаби дараҷаи илмӣ мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ дар амал собит гардид, ки амсилаҳои асосии назариявии ҳамкорӣ, ки дар соҳаи психология ва педагогика таҳия шудааст, таҳлил карда шудаанд. Ҳамчунин дар ин ҷода ҷузъҳои асосии ҳамкории муассирро, аз қабили эътимод, ошкорбаёнӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни мураббиён ва волидон ҷудо карда шудааст.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Давлатбекзода Вайсиддин дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ – амалӣ пешниҳод шудааст.

Ҳамин тариқ, муносибати муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оила бояд ба принсипҳои ҳамкории мутақобилаи судманд асос ёбад, ки дар он кӯдакистон на танҳо ҳамчун макони омӯзиш, балки ҳамчун манбаи дастгирӣ ва рушди шахсияти солим ва ҳолати рӯҳии кӯдакон хизмат мекунад. Муҳим он аст, ки ин ҳамкорӣ як пули мустаҳкамест, ки ҷаҳони кӯдак ва ҷаҳони оиларо мепайвандад, ба онҳо имкон медиҳад, ки аз ҳамкорӣ бо ҳамдигар ғанитар шаванд. Мураббиён ва волидоне, ки бо як ҳадафи умумӣ муттаҳид шудаанд, барои кӯдак фазои муҳаббат ва

ҳамоҳангиро фароҳам меоранд, ки ба рушди пурраи ӯ мусоидат мекунанд. Дар чунин муносибат, ҳар як ҷониб тавассути мубодилаи дониш ва таҷриба саҳм мегузорад, ки ҳисси амният ва эътимоди кӯдаконро ба вуҷуд меорад. Дар ниҳоят, маҳз дар ин ягонагӣ гарави рушди ҳамоҳанг ва ташаккули шахсият аст, ки дар он кӯдакистон на танҳо ҳамчун муассиса, балки ҳамчун маконе хизмат мекунад, ки неруи зеҳнии ҳар як кӯдакро мекушояд ва оила дар ин роҳи муҳим такягоҳи боэътимод мегардад.

Ҳамзамон мубрамияти мавзуи таҳқиқоти анҷомдодаи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек ва ҷанбаҳои асосии ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оила дар он ифода меёбад, ки:

- мураббӣ бояд арзиши раднашавандаи оиларо дар раванди тарбия ва рушди кӯдакони томактабӣ дарк намуда, ба беҳамтоии ҳар як оила эҳтиром гузорад,арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқии онро ба назар гирад;
- волидон, дар навбати худ, вазифадоранд равшан дарк кунанд, ки муассисаи томактабӣ дар ташаккули шахсияти фарзандашон чӣ нақши муҳим мебозад ва дастгирии онҳоро қадр кунанд;
- мураббиро низ ҳамчун шахси беназир қабул кардан ва ба амалу орзуҳои касбии ӯ эҳтиром зоҳир кардан лозим аст;
- танҳо тавассути эҳтироми тарафайн, фаҳмиш ва ошкорбаёнӣ метавон муҳити муваффақ ва самараноки таълимиро фароҳам овард, ки дар он ҳар як кӯдак метавонад қобилиятҳои худро ошкор кунад, дар фазои муҳаббат ва дастгирӣ рушд кунад.

Дар баробари ин, довталаби дараҷаи илмӣ Давлатбекзода Вайсиддин дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Аз ҷумла:

- таҳлили ҳамкории педагогӣ байни муассисаи томактабӣ ва оила барои ташаккули системаи ягонаи шаклҳои ин ҳамкорӣ асос гардид;
- консепсияи “Идоракунии сифати ҳамкории педагогӣ байни кӯдакистонҳо ва оилаҳо” хусусиятҳои равшантар пайдо кард ва уфуқҳои худро васеъ кард, ки ба баланд бардоштани самаранокии равандҳо ва шароити ҳамкории иштирокчиёни таҷрибаи умумӣ, ки ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан мехоҳанд, равона карда шудааст;
- амсилаи ҳамкориҳои педагогӣ байни муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳои тарбиятгирандагони муассисаи таҳсилоти томактабӣ, ба рушди ҳаматарафаи шахсият ва мутобиққунии иҷтимоӣ мусоидат менамояд, дар пойгоҳи давраҳои мутобиққунии қабл аз мутобиқшавӣ, ташкилию методӣ ба ашколи ҳамкориҳои педагогии мураббӣ бо волидайн мувофиқ мебошад;
- шароити педагогӣ барои идоракунии сифати ҳамкорӣ байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳои тарбиятгирандагон асос гардид. Шаклҳои ин ҳамкорӣ ба ҳафт ҷузъ тақсим мешаванд, қисмҳои таҳлилӣ ва таълимӣ, чорабиниҳои ҷолиби муштарак, намоишҳои презентатсионӣ, ҳамкории онлайнӣ, шаклҳои алтернативии ҳамкорӣ ва ҷалби волидонро дар идоракунии муассисаи таҳсилоти томактабиро дар

бар мегиранд. Барномаи модулии "Гуфтугӯ бо волидони кӯдакон", ки аз чор самт иборат аст (ҳамкорӣ бо тарбиягирандагон, волидон, донишҷӯёни донишгоҳҳо ва муошират тавассути сайтҳои Интернетӣ) ҳамаи субъектҳои раванди таълим ва тарбияро фаро мегирад;

- маҷмуи меъёрҳои ҳамкории педагогӣ байни муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳои тарбиятгирандагон ба талабот ба салоҳияти иштирокчиёни он - роҳбарон, омӯзгорон ва волидон асос ёфтааст. Бо назардошти арзёбиҳои дар феҳрист пешниҳодшуда, сатҳи сифат ва самаранокии ҳамкории педагогӣ байни муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳои тарбиятгирандагон муайян карда шуд;

- маҷмуи маърӯзаҳо оид ба барномаи модулӣ зери унвони "Муошират бо падару модарон ё ашхосе, ки онҳоро иваз мекунанд", ки барои донишҷӯёни МТМК таҳия гардида, аз санҷиш гузаштааст, дар ташкил додани салоҳиятҳои таълимгирандагон зимни ҳамкориҳои педагогӣ байни муассисаи таҳсилоти томактабиӣ кумак мерасонад;

Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти довталабро ниҳоят мубрам, саривақтӣ арзёбӣ кунем. Ташкили платформаи кушод барои муошират боиси афзоиши назарраси ҳавасмандии ҳам кӯдакон ва ҳам волидони онҳо гардид. Дар оянда васеъ кардани барнома бо ворид кардани модулҳои иловагӣ, ки ба рушди зеҳни эҳсосӣ ва малакаҳои ҳалли низоъҳо равона шудаанд, ба нақша гирифта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки фазои ҳамоҳангтари таълимӣ эҷод карда шавад, ки дар он ҳар як иштирокчии раванд метавонад, иқтидори худро амалӣ кунад, дар кори умумӣ - тарбия ва таълими насли наврас саҳм гузорад.

*Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия* ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузор намудаи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

*Навгонии илмии таҳқиқот* асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ҷанбаҳои асосии мусоидат ба идоракунии самараноки ҳамкории педагогӣ байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо ошкор карда шуданд. Махсусан, диққати асосӣ ба маънои муносибати инфиродӣ ба ҳар як оила дода мешавад, ки имкон медиҳад ниёзҳо ва имкониятҳои беназири ҳам кӯдакон ва ҳам волидони онҳо ба назар гирифта шаванд;

- тавсияҳо оид ба ташкили чорабиниҳо ва ҳамкориҳои муштарак таҳия шудаанд, ки ба таҳкими муносибатҳои боэътимод ва ҷалби волидон ба раванди таълим мусоидат мекунанд;

- санчиши озмоишии амсилаи таҳияшудаи ҳамкории педагогӣ гузаронида шуд, ки ба тасдиқи арзиши амалӣ ва самаранокии он имкон дод;

- таҳқиқот на танҳо заминаи назариявиро ғанӣ гардонд, балки имкон дод, ки тавсияҳои мушаххас барои мураббиён ҷиҳати беҳтар кардани сифати ҳамкорӣ бо оилаҳо ва фароҳам овардани муҳити мусоиду созгори таълимӣ барои кӯдакон таҳия карда шаванд;

- натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳаввулоти минбаъда дар соҳаи идоракунии сифати ҳамкории педагогӣ замина мегузоранд, ки дар шароити ҷомеаи муосир, ки нақши волидон дар тарбия ва таълими кӯдакон торафт пурмазмунтар мегардад, муҳим аст.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва мухтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1. Сифати идоракунии ҳамкории байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо санъати муносибгардонии шарикии ҳамаи иштирокчиён мебошад, ки бо амалияи огоҳона ба натиҷаҳои муҳим ноил мешаванд. Дар ин раванд шахсони калидӣ мураббиён, волидон, фарзандон ва маъмурияти муассисаи таълимӣ мебошанд. Ҳар яки онҳо ба фаъолияти васеъ саҳми беназири худро мегузоранд, ки ҳадафи он на танҳо омода кардани кӯдакон ба мактаб, балки ҳамгироии ҳамоҳангии онҳо ба муҳити иҷтимоӣ мебошад. Ин ҳамкорӣ синергияи дониш, таҷриба ва муҳаббат аст, ки дар он овози ҳама дар як парда садо медиҳад ва барои пешрафт ва рушд ҷой фароҳам меорад. Онҳо якҷоя таҳкурсии мустаҳкам мегузоранд, ки дар он эътимоди кӯдакон, омодагӣ ба мушкилоти нав ва қобилияти мутобиқ шудан ба ҷаҳони атроф ташаккул меёбад. Муносибати байни ин иштирокчиён як раванди муттасилест, ки сифати он ба тақдири кӯдакон таъсир мерасонад ва дар ояндаи онҳо осори пурмазмун мегузорад. Кӯшишҳои муштарак лаҳзаҳои оддиро ба қадамҳои пурмазмун ба сӯи дастовардҳои бузург табдил медиҳанд.

2. Дар ин замина, ҷанбаи муҳим ташкили муколамаи ошкоро ва боэътимод байни ҳамаи иштирокчиён мебошад. Мураббиён ва волидон бояд на танҳо маълумотро мубодила кунанд, балки бо дарки ниёзҳо ва хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдак ба ҳамдигар фаъолона гӯш диҳанд. Ин ҳамкорӣ ҳарду ниҳодро - ҳам педагогӣ ва ҳам оилавиро ғанӣ мегардонад, фазоеро фароҳам меорад, ки дар он кӯдак худро дар ҳифозат ва бехатар ҳис мекунад.

3. Чорабиниҳо ва лоиҳаҳои муштарак ба таҳкими робитаи байни оилаҳо ва муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунанд. Масалан, таҷлили ҷашнвораҳо, семинарҳо ва вохӯриҳои мавзуи ба ҳамкории амиқтар ва наздикшавии иштирокчиёни раванди педагогӣ мусоидат мекунанд. Чунин ташаббусҳо раванди таълимро тавассути ҷалби кӯдакон ба ҳамкории фаъол ва рушди эҷодкории онҳо шавқовартар ва пурмазмунтар мекунанд.

4. Идоракунии босифати ҳамкорӣ дар таълими барвақтии кӯдакон барои мутобиқсозии иҷтимоии кӯдакон ва ҳаёти муваффақи ояндаи онҳо заминаи мустаҳкам фароҳам меорад. Навсозии доимии усулҳо ва равишҳо дар ин шарикӣ ба ташаккули муҳити мусбати таълимӣ мусоидат мекунад, ки дар он ҳар як кӯдак метавонад дар ҷаҳон рушд кунад, омӯзад ва ҷои худро пайдо кунад.

5. Бо дарназардошти дарёфти асосҳои назариявию амалии таълим ва амсилаи омӯзгорӣ ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо чун комплекси давраҳо: томутобиқшавӣ, мутобиқшавӣ, корҳои методӣ ва ташкилии ба ҳам алоқаманд пешниҳод карда шудааст.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

- аҳамияти ин таҳқиқот исбот намуд, ки ғояҳои асосии назариявӣ ва амалии ҳамкории муассисаҳои томактабӣ ва оила омӯхта шуда, зарурияти пойгоҳи идоракунии сифати ҳамкории педагогии онҳо асоснок карда шудаанд;
- дар асоси таҳлили муқоисавӣ тавсифи васеи терминологӣ мазмуни мафҳумҳои “Сифат”, “Сифати таҳсилот”, “Сифати таҳсилоти томактабӣ”, “Ҳамкорӣ” дода шуда, бо ин васила пойгоҳи ташкилшуда ба ғанӣ гаштани мавзуи таҳқиқот мусоидат мекунад;
- амсила ва шароитҳои педагогӣ барои идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила тавассути марҳилаҳои ба ҳам алоқаманд, намудҳои мутобиқшавӣ ва истифодаи маҷмӯи шаклҳои ҳамкорӣ ба самаранокии раванди мазкур мусоидат намуд.
- меъёрҳо ва сатҳи ҳамкории педагогии муассисаҳои томактабӣ ва оила ҳамчун натиҷаи мақсадноки ҳамкории мутақобила коркард шудааст.
- аҳамияти амалии таҳқиқотро натиҷа ва дастовардҳои кори озмоишӣ, заминаи психологӣ-педагогӣ, сифати идоракунӣ, ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва волидон ташкил дода, роҳҳои ҳамкории мутақобиларо фаро мегирад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқотро дар муҳити кӯдакистон ва оила бо истифода аз технологияи педагогии тавсифшуда амалӣ кардан мумкин аст.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ташкил медиҳанд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст. Таҳқиқот нишон дод, ки натиҷаҳои бадастомада ҳангоми омӯзиши фанҳои “Психологияи бачагона”, “Психологияи муносибатҳои оилавӣ” ва дигар фанҳои тахассусӣ дар

муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст. Маҳсули рисолаи мазкурро бахри омодасозии босамари кормандони муассисаҳои томактабӣ, оилаҳо, донишҷӯён, шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои томактабӣ, баланд бардоштани маърифати тарбиявии волидон вобаста ба шаҳр ва минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Саҳеҳият ва асоснокии илмии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тавассути далелҳои методологии амалияи муқаррарот; мантиқи илмии асоснокшудаи таҳқиқи масъала; истифодаи васеи сарчашмаҳои илмии муътамад, интихоби методҳое, ки ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, давомнокии корҳои озмоишӣ, таҳлили омории маълумоте, ки дар натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни таҳқиқот ба даст омадаанд, таъмин карда шудаанд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар маҷаллаҳои илмӣ, ки 6 номгӯи онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расида, инъикоси худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:* Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- ба сифати шароитҳои педагогии таълим ҷанбаҳои муҳиму нозуки ба сифат ва сатҳи идоракунии кори якҷояи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо волидон дахлдошта ҷорӣ карда шуданд;

- дар байни онҳо фаъолияти таҳлилӣ, таҳсилоти маърифатӣ, равишҳои инноватсионӣ, ҳамкорӣ тавассути интернет, инчунин фаъолияти муштараки фароғатӣ барҷастаанд. Ин унсурҳо шаклҳои гуногуни иштироки волидонро дар идоракунии муассисаҳои томактабӣ тавассути тағйир додани асосҳои анъанавӣ ва кушодани уфуқҳои нав барои ҳамкорӣ эҷод мекунанд;

- ҳамгиройии чунин ҷанбаҳо ба раванди таълиму тарбия на танҳо ҷалби оилаҳоро тақвият медиҳад, балки муносибати ҳамаҷонибаи рушди кӯдакро, ки аз ҷониби ҷомеаи волидон дастгирӣ карда мешавад, ташаккул медиҳад;

- ҳамкорӣ, ки ба эътимод ва ошкорбаёнӣ асос ёфтааст, барои рушди ҳам кӯдакон ва ҳам волидон фазои мусоид фароҳам меорад ва раванди таълимро ғанитар ва пурмазмунтар мекунад.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:* Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии

чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва пайнавишт иборат буда, дар 178 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст. Руйхати адабиёти истифодашуда 179 номгӯйро ташкил медиҳад.

*Дар муқаддима* зарурияти аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, сатҳи омӯзиши илмии масъала баррасӣ гардидаву ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, ҳамчунин методика, навгонии илмӣ, арзиши назариву амалӣ ва дараҷаи таҳқиқоти он муайян гардида, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

*Дар боби якуми рисола* "Ҷанбаҳои назариявии рушди ҳамкории самараноки муассисаи томактабӣ бо волидони тарбиягирандагон" аз нуқтаи назари психологӣ – педагогӣ таҳлили амиқи назариявии мафҳуми "ҳамкорӣ" гузаронида шуда, моҳияти ҳамкории коллективи педагогӣ бо волидони тарбиягирандагони муассисаҳои томактабӣ асоснок ва таҳқиқ карда шудааст. Дар асоси сарчашмаҳои психологӣ – педагогӣ, дурнамои ташаккули шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо ошкор ва таҳлилу баррасӣ карда шудаанд

Шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз ҷумла вохӯриҳои волидайн, чорабиниҳои муштарак ва ҷалби фаъолонаи волидон ба лоиҳаҳои таълимӣ муҳокима карда мешаванд. Ин шаклҳо на танҳо интиқоли донишро таъмин мекунанд, балки ба эҷоди иттиҳодия мусоидат мекунанд, ки дар он ҳар як оила дар раванди таълим ва тарбияи фарзанд аҳамияти худро эҳсос мекунад.

Муносибати муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оила бояд ба принсипҳои ҳамкории мутақобилан судманд асос ёбад, ки дар он кӯдакистон на танҳо ҳамчун макони омӯзиш, балки ҳамчун манбаи дастгирӣ ва рушди шахсияти солим ва ҳолати руҳии кӯдакон хизмат мекунад.

*Дар боби дуюми диссертатсия* "Корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба рушди ҳамкории педагогии МТТ ва оила" ба таҳқиқи сатҳу сифати ҳамкории педагогӣ байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо равона карда шудааст. Дар доираи ин кор муҳақиқ таҳқиқоти озмоишӣ гузаронида, ба таҳлил ва арзёбии самаранокии ин ҳамкорӣ равона карда шудаанд.

Дар ин боб асосноккунии шароитҳои педагогиро пешниҳод мекунад, ки ба баланд бардоштани сифати ҳамкории байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо мусоидат мекунад. Ин шароитҳо барои ташаккули ҳамкории мусоид асос мебошанд, ки дар навбати худ ба рушди кӯдакон ва малакаҳои иҷтимоии онҳо таъсири мусбат мерасонанд. Механизимҳои зарурӣ барои ташкили ҳамкории самаранок ба таври возеҳ ҷудо карда

мешаванд, ки таҳқиқотро барои соҳаи педагогика ва рушди кӯдакон саҳими назаррас мегузорад.

Муаллифи рисола андешаронӣ намуда, қайд кардааст, ки кори волидайн дар навбати аввал аз дараҷаи фарҳангию иҷтимоӣ ва маълумоташон вобаста аст, дараҷаи баланди тайёрии педагогиашон ба пурсамар гардидани корҳои педагогии онҳо мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Унвонҷӯ дар таҳқиқи рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст. Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбекро кори илмии баанҷомрасида ва арзиши илмии назариявӣ ва амалидошта ҳисобид.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ орӣ нест, ки бартараф кардани он ба манфиати кори илмӣ аст, аз он ҷумла:

1. Муаллиф дар таҳқиқоти худ оид ба шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила роҳу усулҳои зиёдеро пешниҳод кардааст, аммо беҳтар мебуд, агар оид ба вусъат додани истифодаи технологияи муосири рақамӣ дар ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила пешниҳодҳо манзур мекард ва бо ин васила робитаи муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила мунтазам ва ҳамарӯза ба роҳ монда мешуд.

2. Муаллиф дар таҳқиқоти худ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дахл кардааст, вале салоҳияту вазифаҳои волидон ва муассисаи таҳсилоти томактабиро, ки Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» муқаррар кардааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор надодааст. Агар чунин мекард арзиши кори илмияш ба талаботи муосир ҷавобгӯ мешуд.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферати он галатҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикиро дидан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро баланд менамояд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба арзиши илмиву амалии диссертатсия таъсири кам доранд.

ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустакилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи
таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ,
ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали
“Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф”
дар шаҳри Душанбе Қурбонова Г.А.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода 8а.
Тел: 915.27.22.21 E-mail: kurbonova-73@mail.ru

03.02.2025

Имзои Қурбонова Г.А.ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
Филиали “Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи
маориф” дар шаҳри Душанбе Баҳронбекова Н.